# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-032 МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО» ОИД БА ДИССЕРТАТСИЯҲОИ ДАРЁФТИ УНВОНИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №_______________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.09. соли 2022, № 3

Дар бораи ба **Каримов Бахтиёр Музафарович,** шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани унвони илмии номзади илмҳои тиб.

Диссертатсияи «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ», аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ, барои ҳимоя 08.06. соли 2022, протоколи № 2–и шурои диссертатаатсионии 6D.КОА-032 МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139), ки бо қарори КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 87/шд аз 02.05. с.2022 қабул карда шуд.

Довталаби унвони илмӣ Каримов Бахтиёр Музафарович, соли таваллудаш 1986, соли 2010 факултети стоматологии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»-ро хатм кардааст. Дар соли 2012 магистратураро дар кафедраи стоматологияи муоличавии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ба анҷом расонидааст. Ба ҳайси ассистенти кафедраи стоматологияи муоличавии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи эпидемиология ба номи профессор Рофиев Х.Қ. МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» иҷро карда шудааст.

**Роҳбарони илмӣ**: Усманова Гулнора Мукимовна - доктори илмҳои тиб, мудири кафедраи эпидемиология ба номи профессор Рофиев Ҳ.Қ. МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».

**Муқарризони расмӣ:**

- Одинаев Ниёз Сафарович – доктори илмҳои тиб, мудири кафедраи эпидемиология ва бемориҳои сироятии факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
- Махмудов Ҷурабек Тешаевич – номзади илмҳои тиб, сардухтури дармонгоҳи стоматологии шахри.

Ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – МД «Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии тибби профилактикӣ» ВТ ва ҲИА ҶТ дар хулосаи мусбии худ, ки бо имзои муқарриз Муллоҷонова Манижа Масудовна, мудири лабораторияи зуком МД «Пажухишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии тибби-профилактикии Тоҷикистон» ВТ ва ҲИА ҶТ, номзади илмҳои тиб имзо шудааст қайд менамояд, ки таҳқиқоти Каримов Б.М. аз лиҳози мубрамӣ, навгонӣ, ҳаҷм ва сатҳи таҳқиқоти гузаронидашуда, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ва равишҳои методологӣ ба талаботи бандҳои 3, п. 31, 34 «Тартиби додани унвони илмӣ» ба диссертатсияҳои номзадӣ равона шуда, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30–юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ мувофиқат мекунад.

Унвонҷӯй 63 таълифоти илмӣ дорад, аз ҷумла 40 таълифот оид ба мавзӯи диссертатсия, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба чоп расидааст. Аз рӯйи маводи диссертатсия 2 пешниҳоди ратсионализаторӣ таҳия шудааст, ки нуқтаҳои асосии диссертатсия, нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулоса ва ҷамъбасти онро пурра инъикос мекунанд ва аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд, ҳаҷми умумии он 5,2 саҳфаи чопӣ, аз ҷумла саҳми муаллифӣ 80%.

**Таҳқиқотҳои илмии нисбатан муҳим оид ба мавзӯи диссертатсия:**

1. Каримов, Б.М. Ретроспективная оценка заболеваний пародонта по анализу ортопантомограмм у больных при системных заболеваниях /Б.М. Каримов, Х.К. Рафиев, Ш.Ф. Джураева // Журнал «Вестник педагогического университета». – Душанбе. - 2013. - № 3 (52). – С. 132-134.
2. Эпидемиологическое обследование пародонтологического статуса у больных с межсистемными нарушениями /Б.М. Каримов, Х.К. Рафиев, Ш.Ф. Джураев, С.М. Каримов // Журнал «Вестник педагогического университета». – Душанбе. - 2013. - № 3 (52). – С. 134-138.
3. Каримов, Б.М. Роль общесоматического статуса в развитии воспалительно-деструктивных поражений пародонта / Б.М. Каримов // Журнал «Вестник Авиценны». – Душанбе. - 2014. - № 1 (54). – С. 115-119.
4. Каримов, Б.М. К вопросу о прогрессировании деструктивных явлений в альвеолярном отростке у пациентов с соматическими заболеваниями / Б.М. Каримов, Г.Г. Ашуров, Ш.Ф. Джураева // Журнал «Вестник Ивановской Медицинской Академии». – Иваново. – 2016. – Том 21. - С – 25-28.
5. Каримов, Б.М. Оценка эффективности реабилитации больных с пародонтитом, протекающим на фоне сахарного диабета / Б.М. Каримов, Ш.Ф. Джураева // Вестник Ивановской медицинской академии. – Иваново. – 2017. – №2. – Том 22. - С. 41-44.

Дар таҳқиқотҳои нашршуда масъалаҳои актуалии имрӯз оид ба омӯзиши тавсифи динамики иртиботи мутақобилаи байни параметрҳои клиникӣ-эпидемиологӣ, гигиенӣ ва рентгенологии параметрҳои беморшавиҳои стоматологӣ ҳангоми бемориҳои системавӣ таҳқиқ шудааст. Дар асоси таҳлили ҳолатҳои эпидемиологии бемориҳои асосии стоматологӣ оид ба масъалаҳои такмили ёрии стоматологӣ таҳия карда шудаанд.

**Ба диссертатсия ва автореферат 3 тақриз ворид шудааст, аз:**

1. Директори МД «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии экспертизаи тиббӣ-иҷтимоӣ ва реабилитатсияи маъюбон» ВТ ва ҲИА ҶТ, номзади илмҳои тиб Азизов Зафар Абдукахорович, номзади илмҳои тиб - эрод нест.
2. Муовини директори МД «Маркази ҷумҳуриявӣ оид ба профилактика ва мубориза бар зидди СПИД» оид ба масъалаҳои эпидемиологӣ, номзади илмҳои тиб Солиев Алиҷон Азимович - эрод нест.
3. Ассистенти кафедраи стоматологияи муолиҷавии МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломӣ дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», доктори илмҳои тиб Муллоҷонов Ғайрат Элмуродович – эрод нест.

Дар тақризҳо мубрамияти мавзӯъ, навгонии илмӣ ва аҳамияти илмии таҳқиқоти гузаронидашуда таъкид карда мешавад. Ҳамчунин нишон дода мешавад, ки таҳқиқоти илмии Каримов Б.М. ба анҷом расида буда, аҳамияти амалӣ аст, ба ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ, мувофиқат мекунад, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои тиб аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дорои квалификатсияи заруриянд, бо дастовардҳои худ дар соҳаи эпидемиология ва стоматология, корҳои илмии худ дар ин соҳа маъруфанд ва оид ба ин мавзӯъ таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, вобаста аз ин, метавонанд, ки ба таҳқиқоти илмӣ, мубрамият ва аҳамияти илмиву амалии он баҳои объективӣ (холисона) диҳанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти аз тарафи унвонҷӯӣ:**

**таҳия карда шудааст** методикаи таҳқиқоти клиникии статуси стоматологии беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ; сатҳи муайян кардани ёрии расонидашудаи стоматологӣ дар байни гурӯҳи таҳқиқшуда; татбиқ намудани беҳдошти инфиродии ковокии даҳон; муайян кардани шохиси ниёзманд ба табобати бемориҳои пародонт ҳангоми мавҷуд будани

бемориҳои соматикӣ.

**Пешниҳод шудааст, ки** маълумотҳои ба даст овардашуда оид ба ниёз доштани беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ дар шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои стоматологӣ барои пурра қаноатманд кардани талаботи беморони гирифтори бемориҳои дандон ва пародонт ҳамчун асос қабул карда шавад; утоқҳои (шуъбаҳои) стоматологӣ дар пойгоҳҳои муассисаҳои статсионарии амалкунанда ташкил карда ва дар амал кори онҳо системаи сари вақт ошкор намудан ва мониторинги беморони соматикӣ бо бемориҳои узвҳои ковокии даҳон татбиқ карда шавад; татбиқи фаъоли ҳуҷра, протоколҳои таҳияшудаи муроқибати беморони соматикӣ бо бемориҳои гуногуни узвҳои ковокии даҳон, ин барои ягона шудани равишҳо, беҳтар гаштани системаи таъмин ва назорати сифати ёрии стоматологӣ дар ин маҷмӯи беморон мусоидат мекунад; ташкил намудани мониторинги саломатии стоматологии беморони соматикӣ бо мақсади баҳо додан ба самарабахшии барномаҳои профилактикӣ.

**Исбот карда шуд, ки** дар сохтори шиддатнокии кариеси дандонҳо дар байни ашхоси таҳқиқшудаи дорои бемориҳои соматикӣ вазни холиси бештарро компоненти «У» дорад, дар муқоиса аз беморони таҳқиқшудаи бидуни бемориҳои соматикӣ, сатҳи мотиватсияи стоматологӣ ва малакаҳои санитариву беҳдоштӣ ҷиҳати нигоҳубини ковокии даҳон дар байни беморони таҳқиқшудаи дорои бемориҳои умумисоматикӣ аҳамияти ғайриқаноатбахшро ташкил медиҳад.

**Ворид карда шуд** усулҳои муайян кардани ниёзи беморони соматикӣ ба табобати кариеси дандонҳо ва бемориҳои пародонт; усулҳои сотсиологии таҳқиқот нисбат ба дониш ва мотиватсия, ҳамчунин малакаҳои рафторӣ дар соҳаи профилактика ва беҳдошти узвҳои ковокии даҳон дар контингенти таҳқиқшуда; усулҳои омӯзиши унсурҳои муайянкунандаи сифати ҳаёт, ки бо ҷанбаи стоматологии саломатӣ иртибот доранд; усулҳои муайян кардани сатҳи расонидани ёрии стоматологӣ дар байни ашхоси таҳқиқшуда.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

**Исбот карда шудааст** самаранокии истифодаи маводи ба даст овардашуда бо мақсади такмил додани ташкили ёрии стоматологӣ, муайян кардани талабот ба намудҳои махсуси ёрии стоматологӣ дар беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ; натиҷабахшии равиши тафриқавӣ нисбат ба банақшагирӣ ва ташкили ёрии стоматологияи муолиҷавӣ дар беморони соматикӣ.

**Мутобиқи мавзӯи диссертатсия равишҳои** клиникӣ-эпидемиологӣ ва сотсиологӣ ба таври натиҷабахш истифода шуданд, ки имконият медиҳанд сохтор ва сатҳи муроҷиат кардани беморони соматикӣ барои гирифтани ёрии стоматологӣ муайян карда шавад.

**Ифода кардани** хусусиятҳои тиббӣ-иҷтимоии пайдо шудани бемориҳои асосии стоматологӣ дар беморони гирифтори бемориҳои умумисоматикӣ, роҳҳои такмил додани ёрии стоматологӣ дар шароити статсионарӣ, чорабиниҳои инфиродии профилактикаи оризаҳои стоматологӣ ҳангоми мавҷуд будани кариеси дандонҳо ва бемориҳои пародонт.

**Муайян карда шудааст** таъсири назарраси паҳншавӣ ва шиддатнокии бемориҳои узвҳои ковокии даҳон ба сифати ҳаёти беморони стоматологӣ бо беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ дар ҳама се компонентҳои он- нороҳатии ҷисмонӣ, паст шудани баҳои беҳбудии худ, бад шудани фаъолияти иҷтимоӣ.

**Омӯхта шуд** хусусиятҳои клиникӣ-эпидемиологии паҳн шудани бемориҳои асосии стоматологӣ дар беморони гирифтори ихтилолҳои гуногунсамти байнисистемавӣ, ҳолати компонентҳои шиддатнокии беморшавии стоматологӣ дар байни контингенти таҳқиқшуда, ҳолати сотсиологии проблемаҳои инкишофи стоматологӣ дар беморони соматикӣ.

**Гузаронида шуд** модернизатсияи модели ташкилии расонидани ёрии стоматологӣ барои беморони гирифтори бемориҳои умумисомаи патологикӣ.

Аҳамияти маълумотҳои натиҷаҳои таҳқиқоти ба даст овардаи унвонҷӯй бо ин тасдиқ мешавад, ки:

**Таҳия ва татбиқ карда шудааст** усулҳои такмил додани ташкили ёрии

стоматологӣ, муайян кардани талабот ба намудҳои он ва самтҳои имконпазири инкишоф ҳангоми мавҷуд будани бемориҳои стоматологӣ дар беморони соматикӣ, ҳамчунин чорабиниҳои инфиродии профилактикаи оризаҳои стоматологӣ ҳангоми мавҷуд будани бемориҳои узвҳои ковокии даҳон дар беморони соматикӣ.

**Муайян карда шуд** натиҷаҳои таҳқиқоти клиникӣ-эпидемиологии дандонҳо ва бофтаҳои пародонт, ки ин аз қарори фаъол ва таъхирнопазири масъалаҳои ташкилӣ оид ба расонидани ёрии тиббӣ-профилактикии стоматологӣ бо мақсади беҳтаршавии назарраси ҳолати узвҳои ковокии даҳон дар беморони гирифтори ихтилолҳои байнисистемавӣ дарак медиҳад.

**Сохта шудааст** стратегияи тиббӣ-иҷтимоии илман асоснок дар байни контингенти таҳқиқшудаи беморон, ки барои ёрии стоматологӣ дар шароити мавҷудияти ихтилолҳои байнисистемавӣ муроҷиат кардаанд.

**Пешниҳод карда шудааст** зарурати татбиқ намудани протоколҳои таҳияшудаи муроқибати беморони стоматологӣ бо бемориҳои умумисоматикӣ, ки ин барои беҳтар гаштани системаи таъмин ва назорати сифати ёрии стоматологӣ дар байни ашхоси таҳқиқшуда, ташкил намудани мониторинги солимии стоматологии беморони гирифтори ихтилолҳои дохилисистемавӣ, мақсаднокии дар фаъолияти амалии ҳамаи муассисаҳои стоматологӣ татбиқ намудани системаи сари вақт муайянкунӣ ва мониторинги беморони соматикӣ бо бемориҳои узвҳо ва бофтаҳои ковокии даҳон.

**Баҳодиҳӣ ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот муайян кард:**

**идея такя мекунад ба** маводҳое, ки дар равиши таҳқиқоти комплексии статуси стоматологӣ дар беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ ба даст оварда шудаанд, онҳо оид ба мақсадҳои такмили ташкили ёрии стоматологӣ, муайян кардани талабот нисбат ба намудҳои он ва самтҳои имконпазири инкишоф ҳангоми кариеси дандонҳо ва бемориҳои пародонт маълумоти боарзиш медиҳанд.

**Истифода шудааст** натиҷаҳои маълумотҳои адабиёт [Г.Г. Ашуров с соавт., 2015, 2018, 2021; А.В. Алимский с соавт., 2015; В.К. Леонтьев с

соавт., 2017] дар бораи он, ки кариеси дандонҳо ва бемориҳои пародонт бо гузашти синну сол пеш мераванд ва метавонанд, ки боиси ихтилолҳои вазнини эстетикӣ, морфологӣ ва функсионалӣ гарданд.

**Муқаррар карда шуд, ки** нишондиҳандаҳои паҳншавии бемориҳои стоматологӣ дар ҳолати диаметралии муқобили синну сол қарор доранд, хатари пайдо шудани оризаҳои стоматологӣ вобаста аз мавчуд будани ихтилолҳои дохилисистемавӣ саҳеҳан зиёд мешаванд Маълумотҳои ба даст овардашуда бо хулосаҳои илман асосноки як қатор муҳаққиқон мувофиқат мекунад [Г.Г. Ашуров с соавт., 2015; З.Р. Аминджанова, 2015; А.А. Исмоилов, 2018].

**Истифода шудааст** усулҳои муосир, иттилоънок ва дастраси таҳқиқот барои фаъолияти амалии табибон-стоматологҳо, ки имконият медиҳанд паҳншавии кариеси дандонҳо ва бемориҳои пародонт дар байни беморони дорои бемориҳои умумисоматикӣ муайян карда шаванд. Ҳисоб кардани миқдори саҳеҳи муониаҳои клиникӣ-эпидемиологӣ мувофиқи формулаи интихоби такрорнашавандаи репрезентативӣ бо назардошти миқдори маҷмӯи генералӣ амалӣ карда мешавад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй аз он иборат аст,** ки вай дар ҳама марҳалаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, асоснок кардани мавзӯъ, мураттаб сохтани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ташкили кор, гузаронидани шарҳи илмии 172 сарчашмаи илмӣ, дар ҷамъоварии маводи аввалия, коркард ва шарҳи маълумотҳо бевосита иштирок кардааст. Тамоми иттилооти ҳосилшуда аз ҷониби муаллифи рисола танзим, коркарди оморӣ ва таҳлил карда шудааст.

Дар ҷаласаи 16-уми сентябри соли 2022 шурои диссертатсионӣ қарор қабул кард, ки ба Каримов Бахтиёр Музафарович унвони илмии номзади илми тиб дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 11 нафар, аз онҳо 4 доктори илм аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология, дар ҷаласа иштирок доштанд, аз 11 нафар, ки ба ҳайати шуро дохил шуда

буданд, овоз доданд «тарафдор» 11нафар, «зид» нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертататсионии**
**6D.КОА-032 МДТ «Донишгоҳи**
**давлатии тиббии Тоҷикистон ба**
**номи Абуалӣ ибни Сино»**
**доктори илмҳои тиб, профессор** **Рахманов Э.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертататсионии 6D.КОА-32,**
**номзади илмҳои тиб, дотсент** **Саидмурадова Г.М.**

**16.09.с.2022**

МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБУАЛӢ ИБНИ СИНО» * ГОУ «ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ МЕДИЦИНСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ имени АБУАЛИ ИБНИ СИНО»
РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись Рахманова Э.Р.
Саидмурадовой Г.М.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«17» 09 2022 с/г